«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода"
доктори илмҳои филологӣ, профессор
__________ Низомӣ М.З.
«_13_»___09_______ 2023 сол

# ХУЛОСАИ
## кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи "Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг дар кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода" омода карда шудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия (2019-2023) Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович унвонҷӯи кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода" ва аз соли 2011 то инҷониб мудири бахши бозсозии экспозитсионӣ ва дизайни МД "Осорхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият дорад.

Имтиҳонҳои номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода шаҳодатномаи №2 аз 25 ноябри соли 2022 супоридааст.

Роҳбари илмӣ Умедов Мастон Ҳамдамович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи "Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)" дар ҷаласаи кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии МДТ "ДДФСТ ба номи М. Турсунзода" баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзоёни кафедра:

номзадони илмҳои таърих Нурматзода Ҳасан, Фирдавси Абдулҳамид, Шарифзода Фирдавс, декани факултаи фарҳангшиносӣ Саидов Қобилҷон, муаллимони кафедра Зарипов Алишер, Каримов Оламафрӯз, унвонҷӯён ва докторантон (PhD)-и инчунин намояндагони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – н.и.т. дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик Зарифов Насимҷон, н.и.т. дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик Ганҷакова Матлуба иштирок доштанд.

***Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:***

Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар таърихи фарҳангшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба масъалаи фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти амалии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи таърих, фарҳангшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқот.*** Муҳимияти пажуҳиши мавзуи таҳқиқро масъалаҳои зерин асоснок менамояд:

- омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун муаррифгари таъриху фарҳанги халқи тоҷик;
- омӯзишу ташкили экспозитсияи осорхонавӣ дар давраи нави таърихи инкишофи давлатдории миллӣ;
- таҳқиқи масъалаҳои нави назариявии фаъолияти экспозитсияи осорхонавӣ вобаста ба рушди илми соҳаи осорхонашиносӣ;
- мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор додани таърихи фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- такмили донишҳои илмӣ оид ба фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳои Тоҷикистон.

***Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.*** Дар диссертатсияи мазкур якчанд масъалаҳои муҳим таҳқиқ шудаанд, аз ҷумла, рисола ҳалли вазифаҳои зеринро фаро гирифтааст:

- таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- муайян намудани раванди банақшагирӣ ва ташкили дурусти экспозитсия дар фаъолияти осорхона;

- таҳлили вазъи корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона;

- таҳқиқ ва пажуҳиши минбаъдаи созмон додани намоишҳои осорхонавӣ;

- таҳлилу баррасии фаъолияти экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи К.Беҳзод ва Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон;

- омӯзиши таърих ва ташаккулёбии намоишҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон;

- нишон додани афзалиятҳои намоиши маҷозӣ (вертуалӣ) дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии тамошобинон.

Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқро пажуҳишҳо ва асарҳои илмию назариявии олимони соҳаи таърих, фарҳангшиносӣ А.И. Михайловская, Б. Закс, Н. Кузнецов, Н. Иличев, Э. Коган, З. Огризко, С. Овсянникова, О. Ионова, С. Сафронов, Т.Ю. Юренева, А.В. Лушникова инчунин олимон ва муҳаққиқони тоҷик А. Шарипов, З. Ибрагимов, М. Бойматов, Г. Нуров, Р.Д. Ҳисайнов, Ф. Шарифзода, Н. Ҳасан ва дигарон ташкил медиҳад.

***Навгонии илмии таҳқиқот аз бандҳои зерин иборат мебошад:***

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз оид ба фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик диссертатсияи алоҳидаи илмӣ рӯйи кор наомадааст;

- масъалаҳои назариявии экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

- муҳимияти ороиши илмӣ-бадеии экспозитсияи осорхонавӣ аз нигоҳи тахассусӣ муайян гардидааст;

- роҳҳои асосии истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар фаъолияти экспозитсияи осорхонавӣ ба таври муҷаз муқаррар гардидааст;

- зарурати танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва равшанӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона бо истифода аз дастурҳои илмии соҳавӣ дақиқ муайян карда шудааст;

- аҳамияти баргузории намоишҳои гуногуни осорхонавӣ дар муаррифии таърихи фарҳанги пурғановати халқи тоҷик дар такя ба намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ин омил дар баланд бардоштани сатҳи маънавияти ҷомеа нақши бориз дорад.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки кори диссертатсионии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович қабл аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот, метавонад ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи фарҳанги халқи тоҷик, таҳия ва навиштани барномаву китобҳо барои донишҷӯёни макотиби олии соҳаи осорхонашиносӣ ва таълими фанҳои тахассусии «Осорхонашиносӣ» ва «Таърих» мусоидат намоянд. Маводи диссертатсия метавонад дар банақшагирии бунёди осорхонаҳои наву замонавӣ, такмили толорҳои экспозитсионии осорхонаҳо, истифодаи дурусти технологияҳои муосир дар фаъолияти осорхонаҳо инчунин ҷиҳати ба намоиш гузоштани экспонатҳои осорхонавӣ кӯмаки илмӣ-амалӣ расонад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия дар самти фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳо ва барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърих ва фарҳанги тоҷикон хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқотро инчунин дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик, осорхонашиносӣ, фарҳангшиносӣ ва санъатшиносӣ инчунин навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур метавон мавриди истифода қарор дод.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ*** дар таҳқиқот дар он аст, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, пажуҳиши шумораи зиёди асарҳои илмӣ ва нашрияҳои даврии солҳои 1991-2021 нашргардида доир ба фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳои Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон, бори нахуст ба шакли таҳқиқоти мукаммал мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногун ва вижагиҳои фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳои мамлакат, роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти соҳаро муайян кардааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои хусусияти амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

***Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо интихоби ихтисос.*** Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг комилан мувофиқат мебошад.

Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърузаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда,

ҳамчунин дар мақолаҳои илмии диссертант солҳои 2019-2023 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

***Натиҷаҳои таҳқиқот.*** Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаҳои фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 4 мақолаи зерини нашршудаи муаллиф, дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия инъикос ёфтааст:

[1–М]. Ҷалолов, Б. Мақсад ва роҳҳои асосии ташкили экспозитсия дар осорхона [Матн] / Б. Ҷалолов // Фарҳанг ва санъат. – № 4. – Душанбе, 2019. – С. 52-57.

[2–М]. Ҷалолов, Б. Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва аҳамияти илмӣ-бадеии он дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик [Матн] / Б. Ҷалолов // Паёми донишкадаи забонҳо. – №3 (39). – Душанбе, 2020. – С. 145-149.

[3–М]. Ҷалолов, Б. Ташкили намоишҳои осорхонавӣ ва намудҳои он [Матн] / Б. Ҷалолов // Пайёмномаи фарҳанг. – №1(53). – Душанбе, 2021. – С. 56-65.

[4–М]. Ҷалолов, Б. Экспозитсия шакли асосии илмӣ-намоишӣ ва тарғиботии осорхона [Матн] / Б. Ҷалолов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – №2 (6). – Душанбе, 2021. – С. 148-151.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

2. Бинобар сабаби банд будани Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг дар назди Донишкадаи

2. Бинобар сабаби банд будани Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-074-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода аз 07 сентябри соли 2023 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 8 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 8 нафар, “зид” - нест, “бетараф” - нест. Суратҷаласаи № 2 аз 07.09.2023 сол.

Мудири кафедраи фарҳангшиносӣ
ва осорхонашиносӣ
н.и.т. и.в. дотсент — Ҳ. Нурматзода

Котиби ҷаласа:
Муаллими кафедраи
фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносӣ — О. Каримов

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода” — З. Ҳомидова
«13» 09 соли 2023

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Борбад 73/А
МДТ “ДДФСТ ба номи М.Турсунзода”
Телефон: (+992) 37 2311827
Почтаи электронӣ: www.ddst.tj